## Суратҷаласаи №9

Ҷаласаи васеи Шӯрои олимони факултети забони англисии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз «23» апрели соли 2022 ш.Душанбе

<u>**Иштирок доштанд:**</u> аз 20 нафар аъзои Шӯрои олимони факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода 19 нафар иштирок доштанд. 1 нафар бо сабаби узрнок иштирок надошт. Дар кори ҷаласа 19 нафар, ки сохторҳои факултетро намояндагӣ менамоянд ва 2 нафар даъватшудагон иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки маҷлис кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона рӯзнома қабул карда шуд.

## <u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>

1. Баррасии диссертатсия Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи «Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ).

## ШУНИДА ШУД:

2. Аз рӯйи масъалаи мазкур Мусоямов З. М. – декани факултети забони англисии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, раиси Шӯрои факултети номбурда баромад намуд. Мавсуф қайд кард, ки тибқи тартиби муқарраргардида ба баррасии ҷаласа диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи«Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод мегардад.

Экспертизаи давраи аввали диссертатсия дар кафедраҳои муштараки филологияи англис ва забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи ДДЗТ ба номи С.Улуғзода баргузор гардида, нусхаи суратмаҷлис ва хулосаи мусбии кафедраи мазкур доир ба пешниҳоди он ба экспертизаи давраи дуюм пешниҳод шудааст.

Дар асоси аризаи диссертант оид ба баррасии диссертатсия дар Шӯрои олимони факултет 2 нафар муқарризони холис – доктори илмҳои филологӣ,проессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТ Саидзода Ҳ.А. ва номзади илмҳои филологӣ, кафедраи забоншиносии

муқоисавӣ ва назарияи тарчумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб таъйин шудаанд, ки дар ҷаласаи имрӯза ҳузур доранд.

Барои шиносоӣ бо мухтавои таҳқиқоти диссератсионӣ сухан ба диссертант Ғафуров З.С. дода мешавад. Диссертант Ғафуров З.С. мухтавои мавзӯи илмиро бо рӯнамо ва мисолҳо ироа намуд.

Пас аз анҷоми маъруза аз ҷониби аъзои Шӯро ба диссертант саволҳо манзур карда шуданд. Аз ҷумла, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис Кесамирова С.Р. ва ҳамчунин, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи англис Даминова М.З. дар атрофии маърузаи диссертант саволҳо пешниҳод намуданд. Маърузакунанда ба саволҳо ҷавобҳои қонеъкунанда дод.

Сипас, тибқи тартиб муқарризи холиси якум – доктори илмҳои филологӣ, проессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии ДМТСаидзода Ҳ.А. баромад намуда, ҷанбаҳои мусбии таҳқиқоти диссератсиониро зикр кард ва аз дастовардҳо ва саҳми назарраси диссертант дар тақриз ёдовар шуд. Ҳамзамон, барои беҳбудии кор тавсияҳо низ манзур намуд. Дар охири суханронии худ диссератсияро кори комилан баанҷомрасида номида, ба ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намуд.

Баъдан муқарризи холиси дуюм – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарчумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода Маҳмудзода М.А. суханронӣ намуда, ҳамчунин аз кори хуб таҳия шудани диссератсия ёдовар шуд. Барои беҳбудии кор эродҳои худро манзур карда, дар маҷмуъ кори диссератсиониро баанҷомрасида ҳисобид ва ба ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намуд.

Ба эродҳои муқарризони холис диссертант Ғафуров З.С. ҷавоби қаноатбахш дод.

Пас аз қироати тақризҳо аъзои Шӯро ба муҳокимаи натиҷаҳои диссератсия пардохтанд.

Дар муҳокима аъзои Шӯро – номзадони илм Соҳибназарова Ҳ.Т., Даминова М.З., Кесамирова С.Р., Гадоев К.Х., Иматшоева М.Б. иштирок намуда, пешниҳоди муқарризони холисро ҷонибдорӣ намуда, қайд карданд, ки гарчанде таҳлили муқоисавии сленгҳои компютерӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ дар забоншиносии тоҷик аз ҷониби муҳаққиқон қисман ба роҳ монда шудааст, аммо таҳқиқу муқоисаи сохторҳои сленгҳои бозиҳои компютерӣ хоси забони англисӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума кори аввалин мебошад. Дар таҳқиқоти диссератсионӣ воқеан паҳлуҳои гуногуни ташаккулёбии сленгҳои компютерии забонҳои мавриди назар ҳамаҷониба таҳқиқу таҳлил шуда, натиҷаҳои он барои рушди соҳаи тарҷумашиносии тоҷик аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Таъкид гардид, ки ихтисос ва номи мавзуи диссератсия ба шиносномаи ихтисос ва мухтавои диссератсия пурра мувофиқат мекунад. Дар охири суханрониҳо ҳамаи музокиракунандагон пешниҳоди муқарризони холисро дар хусуси ба ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода тавсия додани таҳқиқоти диссератсионӣ дастгирӣ намуданд.

Баъд аз муҳокима таклифи муқарризони холис ва аъзои Шӯро дар мавриди ба ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод намудани диссератсияи Ғафуров З.С. ба овоз монда шуд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

- тарафдор – 19 нафар
- муқобил – нест;
- бетараф – нест.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзӯи « Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ » таҳқиқоти илмии бaанҷомрасида ва ба талаботи «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Диссератсияи Ғафуров Зоир Саъдуллоевич дар мавзуи « Хусусиятҳои лингвистии сленгҳои компютерӣ-интернетӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ » ба ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-036-и назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20. – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ) пешниҳод карда шавад.

Раиси Шӯрои олимони<br>
факултет, н.и.ф., дотсент — Мусоямов З.М.

Котиби Шӯрои олимони<br>
факултет, н.и.ф., дотсент — Султонзода М.

23.04.2022.